«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Точикистон,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_____ Абдуалимзода Ҳ.А.
«___» _____ 2022 сол

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба рисолаи Эмомализода Навруз Эмомалӣ дар мавзуи "Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст

Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Диссертатсияи Эмомализода Н.Э. таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз мавзуҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, мухтавои он ба ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқ мебошад.

Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он. Мубрамияти мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ Эмомализода Навруз Эмомалӣ пеш аз ҳама, аз вазъияти сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву фарҳангии Тоҷикистон сарчашма мегирад. Тоҷикистон ки пас аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ истиқлолияти давлатиро ба даст овард, кушиш менамояд ҳадафи ташаккул ва рушд додани давлати миллии ҳуқуқбунёд ва демократӣ бунёд намояд. Таъсиси чунин як давлати соҳибистиқлол бо хусусиятҳои милливу демократӣ кори саҳлу осон набуда, аз ҷомиеаи илмии тоҷик омӯзиши масоили ҳуқуқиро дар таърих, дар муқоиса ва бо усулҳои соҳавии омӯзиш талаб мекунад. Бо гузашти 23 сол аз аввалин Кодекси граждании Тоҷикистони соҳибистиқлол, маълум мешавад, ки баъзе масоили танзимнамудаи он таҳрирталаб гардида, масоили нави ҳуқуқӣ ба миён омадаанд, ки баррасии оҷилии худро талаб мекунанд. Махсусан дар самти ҳуқуқи граждани, тарзу воситаҳои таъмини иҷрои ухдадорӣ механизмҳои нави танзиму таъсиррасониро талаб мекунанд, ки ба шароити муосир мутобиқ иҷрои ухдадориҳоро таъмин намоянд. Таҷрибаи муосир махсусан дар соҳаи бонкӣ баёнгари он ҳақиқате аст, ки воситаҳои то имрӯз маъмули таъмини иҷрои ухдадориҳои бонкӣ самаранок нестанд. Дар ин росто, мавзуи ихтихоб,

таҳлилнамуда ва барои ҳимоя пешниҳоднамуда унвонҷу Эмомализода Н.Э. метавонад як ҷузъи холигиро дар ин самт аз байн бурда, яке аз воситаҳои самараноки иҷрои ухдадориҳо гардад. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқоти Эмомализода Навруз Эмомалӣ "Замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" яке аз мавзуҳои мубрам ва то имрӯз ба таври кулливу ҷузъи таҳқиқнашуда дар илми ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти аз он ҳам бармеояд, ки чӣ тавре унвонҷӯ қайд намудаанд: "тағйироти куллии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ тавассути ҷорӣ намудани принсипҳои муносибатҳои бозорӣ ногузир боиси тағйири заминаи ҳуқуқӣ гардиданд. Қабули Кодекси нави граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон боиси тағйироти ҷиддӣ дар тамоми низоми қонуни граждани, тағйироти ҷиддии муносибатҳо ба падидаҳои анъанавии ҳуқуқӣ гардиданд". Тағйироту ислоҳотҳо дар соҳаи ҳуқуқи граждани ба он мусоидат кард, ки шартномаю муомилот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт мавқеи асосӣ пайдо кунанд. Муносибатҳои шартномавӣ асоси тараққиёти иқтисодии умуман давлат ва ҳам шахсони алоҳида гардиданд. Барои пешгирии оқибатҳои манфие, ки метавонанд дар натиҷаи вайрон кардани ухдадориҳои тарафҳои шартнома ба миён оянд, қонунгузории граждани низоми муассири чораҳои махсуси муваққатиро, ки ба ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ кардааст, ки дар байни онҳо бояд ба замонат ҳамчун воситаи таъмини иҷрои ухдадорӣ диққати махсус дода шавад. Ҳамин тариқ аз ҷониби унвонҷӯ низ мубрамияти мавзуъ дуруст муайян карда шудааст.

Мавзуи мазкур чуноне, ки аз рисола ва автореферати кор бармеояд дар чаҳорчӯбаи барномаи дурнамои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илми –техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 мувофиқат менамояд, ба анҷом расонида шудааст. Яке аз мақсадҳои ин барномаҳо таҳлили асосҳои ҳуқуқии бастани шартномаҳо, тарзҳои таъмини онҳо, ҷойи онҳо дар қонунгузории амалкунанда ва дар рушди муносибатҳои граждани-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мегардид, ки дар рисола анҷом дода шудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Эмомализода Н.Э. аз мукаддима, ки дар он мақсад, объект, предмет, навовариҳои таҳқиқот пешниҳод шудаанд, се боби фарогирандаи ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф вобаста ба мавзуи диссертатсионӣ мантиқан дуруст муайян шуда, пайдарҳамии мантиқи дар он риоя шудааст. Ҳаҷми умумии рисола 207 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар умум, унвончу як қатор навовариҳоро ба илм дохил намуда, аввалин муҳаққиқи самти мазкур аст, ки кушиш намудааст, ба таври маҷмӯй институти замонатро омузад. Муаллиф дар заминаи адабиёти васеи илмии ватанию хоричӣ исбот намудааст, ки институти замонат таърихи қадима дошта, махсусан гузаштагони миллати тоҷик онро ба таври васеъ истифода мебурданд. Махсусан дар Авесто муқаррар шудани замонат шаҳодати қадимӣ будани институти мазкур дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. Минбаъд таърихи институти замонат дар Бобулистону Миср, Юнону Рим, Русия ва давлатҳои муосир ба таври муфассал таҳлил карда шудааст, ки метавонад, замина барои ташаккули ин падидаи ҳуқуқи граждани ва сарчашма барои таҳқиқотҳои дигар гардад.

Дар заминаи таҳлилиҳои илмӣ дар рисола исбот гардидааст, ки новобаста аз мавҷудияти институти замонат дар таърихи тоҷикон, дар танзими замонат тибқи ҳуқуқи амалкунандаи Тоҷикистони муосир норасоӣ ва бахсҳои илмиву амалӣ вуҷуд дорад.

Муаллиф якчанд масоили ҳалталабро, аз ҷумла масъалаҳои моҳияти ҳуқуқии замонат, мазмуни шартномаи замонат ва мавзӯи он, муқаррарот дар бораи моҳияти норозигие, ки зомин нисбат ба талаби кредитор пешниҳод кардааст, дар бораи муносибати байни зомин ва қарздор, ки уҳдадории худро аз руи уҳдадории асосӣ ичро кардааст, тартиби барои ичро ва қатъи уҳдадории зомин, ҷавобгарии зомин ва дигарро на танҳо номбар балки кушиш ба харҷ додааст, то роҳҳои ҳалли онҳоро ошкор намояд ва бо роҳи пешниҳоду тавсияҳо ба қонунгузорӣ онҳоро ҳал намояд.

Қайд намудан лозим аст, ки таҳлили мавзуи мазкур на танҳо аҳамияти соф илмӣ, балки аҳамияти иқтисодӣ ва ичтимоӣ низ дорад, чунки ҳалли дурусти масоили вобаста ба замонат метавонад заминаи рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва беҳтар ҳимоя гардидани манфиатҳои бонку кредиторон ва дар ин асос ташаккул ёфтани низоми бонкӣ ва маблағгузории истеҳсолот гардад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз назари интихоби мавзуъ, гузориши масъалаи баррасишаванда ва роҳу усулҳои таҳқиқ аз дигар рисолаҳо фарқ дошта, дар ин самт аввалин таҳқиқоти илмӣ мебошад, ки вазъи ҳуқуқии институти мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди бахс қарор гирифтааст.

Бояд қайд намоем, ки дар доираи таҳқиқот аввалин маротиба дар илми ҳуқуқшиносии кишвар вазъи ҳуқуқии замонат аз нигоҳи илми ҳуқуқи граждани ва ҳуқуқи соҳибкорӣ ба таври маҷмуи таҳлил гардидааст.

Нуктаҳои илмӣ, пешниҳод ва тавсияҳои муаллиф ҳамагӣ асоснок, қобили дастгирӣ буда,барои такмил додани институти мазкур равона шудаанд, ки ин аҳамияти иқтисодии онро низ ошкор месозад.

Муаллиф тавонистааст, ки дар чараёни таҳқиқот якчанд падидаҳои ҳуқуқиро таҳлил карда, мафҳуми онҳоро муайян намояд. Дар заминаи адабиёти илмӣ таърифи институти замонат ва "шарномаи замонат"-ро пешниҳод менамояд. Аз ин нуктаи назар таҳқиқот хусусияти назариявӣ низ дорад.

Нуктаҳои илмӣ ва навовариҳои рисола дар заминаи омор ва таҷрибаи судӣ таҳия шудаанд, эътимоднокӣ ва асолати онҳоро таҳким мебахшад.

Пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмил додани қонунгузории Тоҷикистон дар самти институти замонат, махсусан вазъи ҳуқуқии лоиқи дастгирӣ мебошанд ва дар дурнамо метавонанд вазъи зоминро муътадил созанд. Пешниҳоду тавсияҳои дигари муаллиф, ки дар рисола хеле зиёд ҳастанд метавонанд саҳми назаррас дар илм ва амалияи ҳуқуқи граждани бошанд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии институти замонат ва дар асоси натиҷаҳои таҳлил таҳия намудани пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили танзими ҳуқуқии он дар соҳаи ҳуқуқи граждании Тоҷикистон мебошад. Вазифаҳои дар назди муҳаққиқ гузошташуда, аз ҷумла: таҳлили пайдоиш ва ташаккули таърихӣ – ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ –ҳуқуқии замонат аз замонҳои қадим то ба имрӯз; омӯзиши шартномаи замонат, муқаррар намудани шартҳои асосии он; муқаррар намудани мазмуни ухдадориҳо аз рӯи шартномаи замонат; гузаронидани таҳлили амалияи татбиқи шартномаи замонат ва асоснок намудани тавсияҳо оид ба такмили усулҳои корӣ ҳангоми истифодаи чунин усули таъмини ухдадориҳо ба сифати зомин ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории амалкунанда ва амалияи татбиқи он ба таври куллӣ аз ҷониби муаллиф баррасиву ҳал шуда, дар асоси он хулосаҳои илмӣ пешниҳод шудаанд, аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки унвонҷу аз ухдаи анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ба хубӣ мебарояд.

Таҳлилҳо дар диссертатсия, ақидаҳо, нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, масоили қонунгузорӣ, ки дар асоси сарчашмаҳои меъёриву ҳуқуқӣ, илмӣ, омор ва таҷрибаи судӣ аз тарафи муаллиф пешниҳод шудаанд, асоснокӣ ва муътамадии онҳоро таҳким бахшидаанд ва баёнгарии таҷрибаи кофии таҳқотӣ доштани муаллиф буда, аз он дарак медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст.

Аксарияти интишороти илмии Эмомализода Н.Э. дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро дар бар гирифтаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 16 мақолаҳои илмӣ (аз он 12 мақола дар мачаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) интишор шудаанд.

Оид ба мавзуи таҳқиқотӣ – институти замонат муаллиф дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дарҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин рисолаи мукаммал оид ба ҷанбаҳои назарӣ ва амалии замонат дар ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ба инобат гирифтани марҳилаҳои таърихии рушди ҳуқуқи халқи тоҷик, қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳои алоҳида мебошад. Нуктаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои бадастовардаи унвонҷӯ ҳам аз ҷанбаи илм, хусусияти назариявӣ дошта, барои рушди илм, ва таҳқиқотҳо дар ин самт мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар, онҳо хусусияти амали дошта барои такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи институти звамонат мусоидат менамоянд. Натиҷаи амалии таҳқиқоти пешниҳодшуда, ба таври самаранок амалӣ шудани он дар таҷриба мебошад. Тавсияҳои онро метавон дар қонунгузории амалкунанда, дар барномаҳои давлатӣ, барномаҳои таълимӣ ва таълим ба таври васеъ истифода бурд.

Аз ҷиҳати методологӣ низ унвонҷу кушиш намудааст, ки кулли усулҳои илми ҳуқуқшиносиро истифода барад.

Тахассус, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисосҳо мувофиқ буда, Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 –Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат дорад.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисолаи Эмомализода Н.Э. манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории соҳаи граждани, омодасозии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, рушди василаҳои тарзҳои таъминӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи граждани саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Ҳуқуқи граждани» ва курсҳои махсуси «Ҳуқуқи шартномавӣ», «Ҳуқуқи ухдадорӣ» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро ишора намуд, ки барои он метавон ба довталаб дарҷаи илмӣ дода шавад:

1. Дар нуктаи якум илми назариявии худ, ки барои ҳимоя намудан пешниҳод шудааст, таҳқиқбаранда таърихи ташаккул ва рушди ҳуқуқии институти замонат аз даврахои қадим то имрӯз, ки он барои асоснок намудани сарчашмаи пайдоиш ва ташаккули институти мазкур, инчунин баҳогузории

комили он ҳамчун институти ҳуқуқи граждани мусоидат мекунад, мавриди омӯзиш карор дода, дуруст ба хулоса омадааст, ки "Манбаъҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муосири истифодакардаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки пайдоиш ва ташаккули институти замонат аз замонҳои пайдоиши аввалин давлатҳо оғоз гардида, то замони муосир идомат ёфтааст. Аз омӯзиши ҳамаҷонибаи сарчашмаҳои илмӣ бармеояд, ки аввалин маротиба замонат дар Рими Қадим пайдо нашудааст. Ба таври илмӣ собит гардид, ки замонат ҳамчун тарзи анъанавии таъмини иҷрои уҳдадорӣ аз Қонунномаи шоҳ Хаммурапӣ (Бобулистони қадим) ва Авесто сарчашма мегирад. Бояд қайд намуд, ки институти мазкур давра ба давра ташаккул ёфта, дар ҳуқуқи римӣ бо талаботи муайян, мазмуну моҳияти мушаххас ва шакли рушдёфтаи худ мерасад.

2. Таҳқиқбаранда дар нуктаи сеюми илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда чиҳати бартараф намудани мушкилотҳо дар самти баррасии парвандаҳои бо шартномаи замонат алоқаманд дуруст ва саривақти пешниҳод намудааст: "Айни замон дар таҷрибаи судӣ вобаста ба мушаххас намудани масъулияти зомин, уҳдадории ӯ тибқи шартномаи замонат ва тартиби муайян кардани ҷавобгарии зомин зарурати қабули Қарори Пленуми Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ, ки зимни баррасии баҳсҳо хусусияти ҳатмӣ доранд, ба вуҷуд омадааст, зеро чунин санади тавзеҳоти дастурии зинаҳои олии судӣ то имрӯз қабул карда нашудаанд, ки ин ҳолат баррасии ин қабил парвандаҳоро дар суд мушкил мегардонад.

3. Дар нуктаи панҷуми илмӣ-назариявии худ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф бо ҳалли масъалаҳо зимни катъ гардидани замонат дар ҳолате, ки агар қарздор дар уҳдадории асосӣ бинобар давомнокии ҳуқуқии универсалӣ иваз карда шавад, мавриди муҳокима қарор дода, манзур намудааст, ки чунин ҳолат нисбатан баҳснок мебошад. Гузашта аз ин, дар таҷрибаи судӣ муносибате мушоҳида мегардад, ки тибқи он агар зомин розигии худро барои ҷавобгарӣ ба ҷойи қарздори нав изҳор накунад, он гоҳ ивазкунии қарздор дар уҳдадории асосӣ дар натиҷаи давомнокии ҳуқуқии сингулярӣ замонатро катъ мекунад. Ғайр аз ин, агар сухан дар бораи мерос (ворисӣ) равад, судҳо бо дарназардошти меъёрҳои диспозитивии м. 392 КГ ҶТ ва дар асоси қоидаҳои императивии м. 1187 КГ ҶТ, ки ворисони меросро қабулкарда оид ба қарзи меросдиҳанда дар ҳудуди арзиши амволии меросии ба онҳо гузашта ҷавобгар мебошанд, ҳаҷми масъулияти зоминро бо ҳаҷми масъулияти ворис маҳдуд мекунанд. Аз моҳияти меъёри қисми 2, м. 396 КГ ҶТ бармеояд, ки он амали худро танҳо дар ҳолати қабули ҳуқуқи сингулярӣ (қисмӣ) паҳн мекунад, аммо муносибати ҳуқуқи универсалӣ дар мавриди замонат мавриди танзим қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, зарурияти мушаххаснамоии он дар қонунгузорӣ ҷой дорад.

4. Дар тавсияи амалии якум, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, муаллиф бо аз байн бурдани холигӣ дар қонунгузории граждани оид ба шартномаи замонат мафҳуми шарномаи замонат дар қисми якуми моддаи 390 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодро манзур менамояд, ки шоистаи дастгирӣ мебошад: «1. Тибки шартномаи замонат зомин уҳдадор мешавад, ки дар назди кредитори шахси дигар барои пурра ё қисман иҷро намудани уҳдадорӣ ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби он ҷавобгар бошад". Зеро дар кодекси амалкунанда калимаҳои "ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби он" мавҷуд нест, ки он метавонад ва он дар таҷрибаи амалӣ метавонад, ки баҳсро оид ба лаҳзаи талабот аз ҷониби кредитор нисбат ба зоминро ба вуҷуд орад. Аз ин рӯ, пешниҳоди мазкур камбудии номбурдаро бартараф намуда, баҳсҳоро дар ин самт аз байн мебарад.

5. Гузашта аз ин, дар идомаи тавсияи якуми амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф дар қисми дуюм ва сеюми моддаи 390 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешниҳодро манзур менамояд: "2. Шартномаи замонат метавонад, барои таъмини уҳдадориҳои пулӣ ва ё ғайрипулӣ, инчунин ҷиҳати таъмини уҳдадории минбаъда низ баста шавад. Шартҳои замонат ҷиҳати таъмини уҳдадории минбаъда баста шуда, дар он ҳолат мувофиқашуда ҳисобида мешаванд, ки агар дар шартномаи мазкур истинод ба шартномаи асосии таъминшавандаи мавҷудбуда ё дар оянда бавуҷудмеомада мавҷуд бошад ва муайян кардани амали зомин ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадории асосӣ мумкин бошад. Танҳо талаботи ҳаққонӣ метавонад бо замонат таъмин карда шавад. 3. Гузашт кардани кредитор аз ҳуқуқи худ аз рӯи шартномаи замонат ба шахси дигар роҳ дода мешавад, агар ба ҳамон шахс ҳуқуқи талабот ба қарздор аз рӯи уҳдадории асосӣ, ки аз тарафи замонат таъмин мегарданд, гузашт шуда бошад»". Пешниҳодҳои мазкур аз он сабаб қобили дастгирӣ мебошад, ки он ҷиҳати пурра намудани меъёрҳои қонунгузории граждани дар самти шартномаи замонат манзур шудааст. Илова ба ин, аз сабаби дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ қарор доштани мамлакат чунин қабил пешниҳодҳо дар ояндаи наздик роҳи ҳалли мушкилотҳо шуда, ҷиҳати рушди тарзи таъмини шахсӣ ба монанди замонат мусоидат хоҳанд кард.

6. Дар тавсияи шашуми амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф зарурати бартараф намудани камбудӣ оид ба катъ гардидани шартномаи замонат дар ҳолати фавти қарздорро муҳим арзёбӣ намуда, ба қисми 4-и м. 396 КГ ҶТ чунин пешниҳод менамояд: "Фавти қарздор ва азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ – қарздор шартномаи замонатро катъ наменамояд". Пешниҳоди мазкур пешниҳоди илмии назариявии болоро пурра менамояд ва он аҳамияти сирф амалиявӣ дорад. Зеро дар таҷрибаи ҳаётӣ ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки онҳо

аз иродаи тарафҳои шартномаи асосӣ ва шартномаи замонат вобастагӣ надоранд. Вале муносибатҳои мавҷударо ба таври ҷиддӣ тағйир дода метавонанд, ба монанди фавти қарздор ва азнавташкилдиҳии шахси ҳуқуқӣ. Аз ин рӯ, ин пешниҳоди амалиявӣ низ қобили дастгирӣ буда, метавонад роҳи ҳалли ғайрисудии баҳсҳо дар ин самт гардад.

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Муаллифи таҳқиқоти илмӣ дар тавсияи амалии дуюми худ, ки ба ҳимоя шарҳи илмии ин мафҳуми замонатро чунин пешниҳод намудааст: «Замонат – ҳамчун институти ҳуқуқи граждани ва яке аз тарзи таъмини шахсӣ, **шартномаи иловагие** мебошад, ки байни кредитор ва зомин дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ҳолати вайрон гардидани уҳдадорӣ тибқи шартномаи асосӣ аз тарафи қарздор, таъмини иҷрои уҳдадории мазкур ба ҳолати фаъол ба зомин ҳамчун қарздори иловагӣ гузашта, охирин дар ҳаҷми мукаррарнамудаи шартномаи замонат пурра ё қисман ҷавобгар мегардад». Вале муаллиф дар диссертатсия аз рӯи ақидаи олимон Агарков М.М., Гонгало Б.М., Предеин К.Н. муайян намудааст, ки замонат уҳдадории мустақил ба шумор меравад. (Саҳ. 52, 103 Дисс.) Пас зарурати мустақил мушоридани муҳаққиқони мазкур дар чи зоҳир меёбад. Аз ин рӯ, аз унвонҷӯ пурсида мешавад, ки бо дарназардошти кадом асосҳо замонатро шартномаи иловагӣ мешуморад.

2. Таҳқиқбаранда дар тавсияи амалии сеюми худ қабули Қарори Пленуми Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ пешниҳод намудааст, вале дар рисола пешбинӣ намегардад, ки ин барнома бояд кадом масъалаҳоро фаро гирад. Аз ин рӯ, мехостем донем, ки қарорҳои Пленуми ишорашуда бояд фарогирандаи кадом ҷанбаҳо бошад. (Саҳ. 11 авт., саҳ. 13 Дисс.)

3. Муаллиф дар қисми дуюми пешниҳоди чоруми рисола қайд намудааст, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои зериқонунӣ, инчунин дар шартномаҳои вобаста ба қарзи давлатӣ истилоҳи «замонат» кам истифода шуда, бештар ба ҷойи он мафҳуми «кафолат» истифода бурда мешавад, вале аз рӯи моҳият, тибқи қонунгузории граждании мамлакат истифодаи мафҳуми «замонат» дар ин ҳолатҳо дуруст мебошад. Аммо аз рӯи моҳият ва мукаррароти моддаҳои 390 ва 397 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки ин ду тарзи таъмин аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Аз ин рӯ, мехостем аз унвонҷӯ шунида бошем, ки дар чунин ҳолат бо дарназардошти

кадом унсурҳо ба чунин хулоса омадааст. (Сах. 13, 137 Дисс.)

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундаричаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Аксарияти интишороти илмии Эмомализода Н.Э. дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро дар бар гирифтаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 16 мақолаҳои илмӣ (аз он 12 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) интишор шудаанд.

Оид ба мавзуи таҳқиқотӣ – институти замонат муаллиф дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинар, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ бо маърӯзаҳо баромад намудааст.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, хулоса ва мазмуни мухтасари таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзӯи мазкур мебошанд. Унвонҷӯ дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи Эмомализода Н.Э. ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Эмомализода Навруз Эмомалӣ ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии **кафедраи** ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ - назариявӣ таҳти №6 аз 28 июни соли 2022.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Бобоев Ҷ.Қ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №11 аз 30 июни соли 2022.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Каримов Ҳ.М.

Ташхисгар:
мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи
давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Бобоев Ҷ.Қ.

Котиби ҷаласа:
муаллими калони ҳуқуқи иқтисодӣ,
молиявӣ ва зиддикоррупсионии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Ҳомидов Р. А.

Имзои Каримов Ҳ.М., Бобоев Ҷ.Қ.
ва котиби ҷаласаро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Шарифов У.А.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.

Тел.: :(+992 237) 231-08-37, 231-02-01
E-mail: tgfeu@mail.ru
30 июни соли 2022.